

Баргирифта аз гохномаи баррасихои Осиёи Миёна, соли 1996 милодӣ, шумораи 15(2), сафахоти 213 то 216.*

Нависанда: Ричард Фолтз (Richard Foltz), аз аъзои Маркази мутолиъоти Ховари Миёна, донишгохи Харвард.

Тарчума аз англисӣ ба форсӣ аз Монӣ Порсо

Баргардон аз хати форсӣ: Самандар Хочаев

Намояхои расмии саршумории кишвари Ӯзбакистон шумори точикони ин кишварро пиромуни 5 дарсади кулли чамъият (ахолӣ) эълом кардаанд ва ин намояхо бидуни чуну чаро аз сӯйи бештари гарбиёни донишгохӣ, рӯзноманигор ва нависандагони рохнамои мусофиратӣ такрор шудаанд. Дар хамин хол точикхо дар саросари Ӯзбакистон бар ин пофишорӣ доранд,ки ин намоя бештар ба 25 то 30 дарсад наздик аст ва бар ин ки точикхо 70 дарсади бошандагони (чамъият) Самарканд – пойтахти пешин ва дуввумин шахри бузурги Ӯзбакистон ва беш аз 90 дарсади мардуми Бухороро ташкил медиханд, таъкид мекунанд.

Дар чорчӯби акидатии шӯравӣ гузаштаи исломии ӯзбакхо хамчун каламраве торик аз вопасмондагии арбоб-раъиятӣ тарсим мегашт. Акнун,ки тахсилкардагони ӯзбак ба

тозагӣ аз занчири ин бовар растаанд, саргарми бознависии торихи худ шуда ва кӯшиш дар таъриф ва пофишорӣ бар хувийят ва кистии ӯзбакӣ доранд. Хувийяте,ки битавон ба он болид.

Бо вучуди ин ки хастаи аслии омӯзахои Маркс ва ленингароёна ба зохир канор гузошта шуда, вале бисёре аз осори он ханӯз побарчост. Бавижа он чи ки ба дарки миллият ба шеваи шӯравихо марбут мешавад.

Акнун сиёсати расмии ӯзбакхо ин шуда, ки мехоханд иддао кунанд,хама чиз ва хама кас дар даруни марзхояшон бидуни таваччух ба замон аз они онхо буда ва барои намуна ба пешонии чехрахои торихӣ монанди Темурланг, Улугбек, Захируддин Бобур ва хатто Пури Сино барчасби “кахрамонони ӯзбак” мечасбонанд.Дар чунин вазъе барои чомеаи донишпажух дорои ахамият аст, то рӯйкарди интикодӣ ва бопарво нисбат ба масоили чистӣ ва миллияти ӯзбак ба худ бигирад.

Аз курбониёни аслии чунбишхои хувийяти миллӣ, мардуми акаллияти хар кишвар мебошанд ва точикони Ӯзбакистон аз ин раванд чудо нестанд.

Чавви( мухит, фазо) кунунии чира бар Ӯзбакистон чавви дахаи 1920- ро хамхонӣ ва тадоъӣ( пайванду бастагӣ ва монандӣ) мекунад, замоне ки чумхурӣ тоза ба дасти болшевикхо бунёд шуда буд ва гузоришхои саршумории мардум то андозае ба бероха кашида шуда буд, ки ба марзи берабт будан мерасид ва иллати он омезае буд аз

саргардонӣ дар бораи ба кор бурдани номхо ва гароишоти афрод ба номгузории миллияти худ ба хар тарике ки судмандтар ба чашм меомад.

Сиёсати расмии кунунии давлати Ӯзбакистон дар киболи чамъияти точики худро метавон бахубӣ дар намунахои монанд бастани бунёди навпои омӯзиши забони порсӣ-точикии Самарканд дар соли 1992 ва хачми бисёр ками матбуъоти порсӣ-точикӣ хатто дар сомонхое(махал ва манотик .С) ки бештари мардум точиканд, мушохида кард.

Намояхои расмии саршумории кишвари Ӯзбакистон шумори точикони ин кишварро пиромуни 5 дарсади кулли чамъият (ахолӣ) эълом кардаанд ва ин намояхо бидуни чуну чаро аз сӯйи бештари гарбиёни донишгохӣ, рӯзноманигор ва нависандагони рохнамои мусофиратӣ такрор шудаанд. Дар хамин хол точикхо дар саросари Ӯзбакистон бар ин пофишорӣ доранд,ки ин намоя бештар ба 25 то 30 дарсад наздик аст ва бар ин ки точикхо 70 дарсади бошандагони (чамъият) Самарканд – пойтахти пешин ва дуввумин шахри бузурги Ӯзбакистон ва беш аз 90 дарсади мардуми Бухороро ташкил медиханд, таъкид мекунанд.

Бештари мардуми минтакаи кӯхистонии шимолховарии Тошканд,он сӯйи садди Чорвок точиканд,хамчунин мардуми бахшхое аз дараи Фаргона,устони Чиззах,Сурхондарё,Кашкадарё (ва г.). Устодони донишгохи давлатии Самарканд кулли чамъияти точикони Ӯзбакистонро 6 то 7 миллион нафар баровард мекунанд. Ин шумор ду баробар ё беш аз ду баробари чамъияти точикон дар чумхурии Точикистон аст. (1)

Бо ин вучуд ин гуна ки пайдост, хеч рохи мувассаке(боэътимод) барои дастёбӣ ба омори дуруст дар даст нест.Танхо сафар кардан дар ин чо ва он чои ин кишвар басанда аст, то дасти кам ба нодурустии газофи омори давлатӣ пай бибарем. Чӣ дар хиёбонхои Самарканд ва Бухоро ва чӣ дар истгоххои утубус, рустое дар кӯххо, дар бисёре аз бахшхои Ӯзбакистон забони ӯзбакӣ ба гӯш намерасад. Бисёре аз точикхо хангоме ки бо як бегона ба русӣ ё ӯзбакӣ сӯхбат мекунанд, нахуст худро ӯзбак муаррифӣ мекунанд, сипас агар хамон пурсишро ба порсӣ-точикӣ такрор кунед, гуфтаашонро иваз мекунанд ва мегӯянд, ки точиканд. Ишон барои пӯзиш корти шиносоии худро,ки дар он ӯзбак навишта шуда ба шумо нишон медиханд. Хатто агар бипазирем, ки хич рохе барои донистани шумори ростини точикони Ӯзбакистон нест, боистӣ тасдик кард,ки унсури точик сазовори таваччухи чиддӣ аз сӯйи пажухишгарон дар бораи Ӯзбакистони нав мебошад.Таваччухе шояд беш аз он чи то кунун дарёфт кардааст.

Аз он чо,ки забони порсӣ- точикӣ ба густурдагӣ дар Ӯзбакистон сӯхбат мешавад ва дар бештари кишвар забони нахуст аст ва бо нигариш ба ин ки шумори бисёр зиёде аз бошандагони Ӯзбакистон торих ва фарханги худро торих ва фархангӣ точикӣ медонанд, ин эхсос ба кас даст медихад, ки имруз Ӯзбакистон раво медорад, то бахше бисёр пурмоя аз мурдареги худ ношинохта ва ношунида барчо монад.

Мавзуъоти пайванддор бо точик будан аз накши бисёр калидӣ дар мутолиъаи Ӯзбакистон бархурдоранд, зеро ин масоил то андозае пинхон мондаанд. Бархе эроншиносони чахон аз ин харос доранд, ки дар пайи хамонандсозӣ, забон ва фарханги порсӣ- точикӣ дар ояндаи на чандон дур аз пахнаи Осиёи Миёна нопадид шавад.Аммо дар назар бигирем,ки порсизабонони Осиёи Миёна наздик ба понсад сол аст, ки зери султаи ӯзбакхо зиндагӣ кардаанд, аз тарси худ бикохем.

Вале аз сӯи дигар гӯйишхои порсӣ-точикии Ӯзбакистон ба таври фазоянда аз порсӣ-точикии Точикистон ва порсии меъёр вомегароянд. Барои намуна гӯйиши имрӯзи

Самарканд нисбат ба гӯйиши Душанбе бештар аз туркиӣ рахна пазируфтааст. Ба гунае ки хейле мавокеъ барои дигар порсизабонхо фахмпазир нест, харчанд ки ханӯз ошкоро точикӣ аст.(2).

Ин гуна нояксонихо миёни гӯйишварони донишомӯхта, ки бештар бо адабиёт сару кор доштаанд, камтар дида мешавад. Бисёре аз точикхо ин вогароӣ (аз хам дур шудан) дар забони гуфторӣ дар ду сӯи марзхои сиёсиро руйихамрафта аз поёни дахаи 1920 медонанд, замоне ки идуоложии чумхурихои миллии чудогона дар шуравӣ конунан пиёда шуд.

Аз он чо кишвархои кунунии Осиёи Марказӣ ба дунболагирии ин идеуложӣ гароиш доранд, вогароии забонӣ миёни точикони Ӯзбакистон ва точикони Точикистон хамчунон идома хохад ёфт.Гарчи бархе точикон аз диди фархангӣ гаройиши шадиде нисбат ба хамсоягони порсизабонашон дар Точикистон, Афгонистон ва Ирон нишон медиханд, бисёри дигар имрӯз чандон аз сиришти мероси иронии худ ва бастагии забонӣ бо Афгонистон ва Ирон бохабар нестанд. Хангоми бархурд бо як иронӣ точикхои камсавод (барои намуна бозориён ва магозадорон)аглаб мепурсанд,ки дар Ирон ба чӣ забоне сухбат мешавад ва аз ин ки як хоричӣ забони “ишон”-ро сухбат мекунад, шигифтзада мешаванд.3

Ин гуна ки пайдост, кӯшишхои огозини шӯравӣ дар заминаи талкини ин мавзуъ ба точикхо, ки забон ва фарханги ишон чизе якто ва чудо аз хамачост, дар лояхои( бахшхо) вижае аз чомеъа корсоз буда. Албатта на дар миёни точикхое,ки омӯзиши олӣ дидаанд.

Донишомӯхтагони точик ханӯз бо гурур чакомахои кухани порсиро бозгӯ мекунанд ва дар донишгохи точикӣ ( манзур-- факултаи филологияи точик дар донишгохи Самарканд.С) донишчӯён бо алокаи фаровон ба наворхои воридшудаи Гугуш ва дигар хонандагони мусикии мардумписанди иронӣ гӯш фаро медиханд. Гузашта аз масоили хисси тааллук ба фарханги иронӣ, алорагми хама фишорхои давлат, бо ин хол пойбандии сарсахтона ба забон дар миёни точикхои Ӯзбакистон ба унвони сарчашмаи кистӣ ва пайвастагии ичтимиоъияшон, дар сатхи густурдае дида мешавад.

Донишкадаи забоншиносии точик дар донишгохи давлатии Самарканд хамчунон конуни кӯшо барои парвариш дар адаби кухани порсӣ буда ва мебошад ва навишторхои донишмандона ба порсӣ-точикӣ чоп ва пахш мешавад. Дар ин донишгох гох ба гох хамоишхое низ баргузор мешавад. Дабистонхое,ки дар онхо ба забони порсӣ-точикӣ омӯзонда мешавад, дар бархе сомонхои кишвар кори худро дунбол мекунанд.

Дар шахри Тошканд шумори фаровоне аз порсизабонони точик ба таври пароканда зиндагӣ мекунанд ва зиёд ба чашм намеоянд. Дастёбӣ ба рӯзномаи точикии “Овози точик”, ки ду бор дар хафта чоп мешавад, гайримумкин аст. Китобхои порсӣ-точикӣ дар хич як китобфурӯшихо дида намешавад.

Дар Самарканд, ки аксари мардум порсизабони точиканд, “Овози Самарканд”(хамчунон ду бор дар хафта) каме бештар ёфт мешавад ва шуморе аз китобфурӯшихо як бахши порсӣ-точикӣ низ доранд.Хатто як китобфурӯшии тамоман порсӣ-точикӣ канори масчиди Биби Хонум вучуд дорад. Гарчи шабакаи симои точикӣ чанд сол пеш таътил гашт, рӯзномаи “Овози Самарканд” пайваста навишторхоеро дар бораи забон, фарханг ва торихи порсӣ-точикӣ ба чоп мерасонад.Як рӯзноманигори саршиноси вобаста ба рӯзномаи аслии русизабони Самарканд бо итминон, вучуди “андаке кашмакашхои пинхон

миёни точикон ва ӯзбакхо”-ро хотирнишон мекунад. Вай “Овози Самарканд” - ро “беш аз андоза механпарастона” дониста (“Овози Самарканд” ва “Овози точик” рузномахои давлатиянд.С) ва аз ин рӯ онро фокиди(бидуни) арзиши хондан медонад.(4)

Аз сӯйи дигар гардонандаи пешини Анчумани фархангии точик дар Самарканд аз ин гилоя дорад, ки точикхои Ӯзбакистон амалан фокиди(махрум) хисси хувийяти худӣ ва ифтихор ба мероси иронишон хастанд. Ӯ барои намуна тавзех медихад,ки чи гуна созмонаш аз фаъолияти худ даст кашид ва иллати он ин буда, ки бо пешниходи ин сомон мабнӣ бар ин ки хама точикони Ӯзбакистон корти шиносоии худро иваз карда ва аз ин пас худро точик муаррифӣ кунанд,мувофикат нашуд.Ин ошкор месозад, ки имрӯза низ дуруст хаммонанди давраи огозини шӯравӣ бисёре аз порсизабонони точик дар ӯзбак номидани худ имтиёзоте мебинанд ва шояд хам аз табъизоти зиддиточикӣ харос доранд.(5)

Баровард кардани дарсади босаводӣ дар забони порсӣ дар Ӯзбакистон душвор аст, зеро ки имрӯза хондан дар миёни хеч як аквоми Ӯзбакистон ривоч надорад. Чанде аз китобфурӯшихои Самарканд китобхои тозачоперо аз Точикистон ворид кардаанд ва андаке китобро, ки аз нависандагони махаллии точик дар Самарканд мунташир шудааст, низ дар мавчудии худ гунчондаанд...

...Давлати Ӯзбакистон ба таври суннатӣ, ба миллигароии точик чунон хатаре дархамбофта бо бунёдгароии исломӣ менигарад. Хар ду чанбаи ин хатари мавриди назари давлат, эхтимолан игрок шудааст, гарчи баровarди сатхи кунунии муборизаи амалии миллигароёни точик дар Ӯзбакистон душвор аст.

Созмоне ба номи Конуни миллии фархангии точикон ва мардуми точикзабон, мустакар дар Самарканд номахои саргушода ба Созмони Милали Муттахид ва сафоратхои давлатхои гарбӣ дар Тошканд ва ба хукумати Ӯзбакистон фиристодааст ва дар он аз табъизи расмии эъмолшуда бар зидди точикони Ӯзбакистон ва ин ки, ин дунболагирии сиёсатест, ки дар “даврони чирагии коммунизм ва бовархои пантуркистӣ” (яъне дахаи 1920) шакл гирифта буд, ибрози шикоят кардааст.(7)Рахбарони аслии ин созмон (бештар устодони донишгохӣ) аз кори худ барканор шуда ва аз соли 1992 аз сафар ба хамоиши солонаи чахонии точикон дар Душанбе махрум шуданд.(Чанги дохилӣ дар Точикистон низ лагади махкаме ба пайкари ин созмонхои навпо зад. С)

Чунончи сиёсати расмии Ӯзбакистон нисбат ба акаллияти точики он кишвар, ба хар андоза, танише ичтимоъӣ падид оварда бошад, боз метавон аз бадтар шудани авзоъ чилавгирӣ кард. Пиёда кардани идеуложии шӯравихо нисбат ба макулаи миллият дар Осиёи Миёна андухномаи бузургро дар пай доштааст ва он дар пайи напазируфтани ин вокеъият буд, ки мардумшинохтии ин сомон, омезае дархамшуда ва ногушуданӣ аст ва мероси пурмоя ва кухани фархангхои гуногунро намебоистӣ нодида гирифт. Имруза бо нигариш ба ин ки бисёре аз точикони Ӯзбакистон хамонанди русхои он кишвар хозир ба аз каф додани хувийяти худ нестанд, бехтарин рох барои дастёбӣ ба ояндаи оштиомез ва рӯшан, пазириши расмии чандгунагии нажоди чумхурӣ ва падид омадани як хисси ифтихори муштарак дар фархангхо ва дастовардхои гурӯххои ташкилдихандаи он кишвар мебошад.

Ёддоштхо ва марчаъхо:

Ёдоварии нигоранда: пажухиш дар Ӯзбакистон дар хилоли солхои 1994-95 бо пуштибонии молии Фархангистон барои пешрафти омӯзиш (AED) ва хайъати пажухишхо ва таъвизхои миёни кишварӣ (IREX) анчом гирифт.

1.Шумори кулли мардуми Ӯзбакистон хамакнун 22 миллион (имрӯза наздик ба 30 миллион.С) мебошад.

2.Сомонаи вочи ва оханги кӯбишии гӯйиши точикии Ӯзбакистон ба он овойи хаммонанди ӯзбакӣ мебахшад. Дар миёни бакияи нишонахои роичи нуфузи забони туркӣ дар ин забон, ошкортарини онхо ба кор бурдани пасванди пурсишии “мӣ” мебошад.

3. Дар хилоли(муддати) мондани мо дар Ӯзбакистон чунин пурсишхое ба таври паёпай аз хамсари ман, ки иронист, мешуд. Онхо ба таври комилан чиддӣ аз ӯ мепурсиданд, ки оё Эрон себ, гов ва гайра хам дорад.

4. Гуфтугуи шахсӣ.

5.Ин ки порсӣ-точикӣ забони кулӣ (лӯлӣ)хои Осиёи Миёна низ хаст, шояд дар ин пешдоварихо муаассир бошад.

7. Гирдихамойии амнияти минтакавӣ: Тошканд, 28 сентябри соли 1994. Суханрон Чамол Мирсаидов тайи суханронӣ дар хамоиш барои Амният ва хамкорӣ дар Урупо (CSCE) барои дастёбӣ ба фехристе аз мавориди вижа, шунавандагонро ирчоъ медихад. Гузориши соли 1993 Дидбони хукуки башари Хелсинки (Helsinki Watch). Р.Масов бар ин бовар аст,ки “як раванди наслкушӣ дар мавриди мардуми точик” дар пайи тарошидани “чумхурихои миллӣ” ба дасти шӯравӣ огоз шуд,ки дар он ду саввуми минтакаи сукунати точикхо ба чумхурии тозасози Ӯзбакистон эъто шуд. (Р.Масов.Торихи марзкашии хашин. (Istoriia Topornogo Razdelenia).Шахри Душанбе.Соли 1991.с 11-12).

* The Tajiks of Uzbekistan

Central Asian Survey (1996), 15(2), 213-216

(Иктибос аз ин навиштор дар сурати зикри манбаъву нависанда ва мутарчим, озод аст).